“ТАСДИҚ МЕНАМЭЯМ”
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” номзади илмҳои таърих, дотсент
_____Набизода М.С.
04.05. 2026с.

ХУЛОСАИ

Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола ба сифати муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии ш.Панҷакент” ва унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурдааст.

Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон соли 2013 факултети таърихи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакентро бо ихтисоси омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқ бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” дар Шурои олимони МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (қарори № 5 аз 19 декабри соли 2020) тасдиқ шудааст.

Ба сифати роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович таъйин шудааст.

Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин қарор қабул карда шуд:

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мавзуи мазкур ба яке аз самтҳои афзалиятноки илмҳои муосири педагогӣ ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда дар шароити имрӯзаи рушди низоми маорифи мамлакат бахшида шудааст. Борҳо собит гардидааст, ки сатҳи дараҷаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда ба пуррагӣ аз фаъолияти пурсамари муассисаҳои таҳсилоти касбӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ҳалли масъалаи рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён масъалаи он ки дар ҷомеаи мо оянда шаҳрвандони қонуншинос, ба қонун эҳтиром дошта ва ҳимоятгари ҳуқуқҳои хеш бартарӣ дошта зиндагӣ ба сар мебаранд, вобастагии ногусастанӣ дорад.

Рушди сиёсӣ ва иқтисодии муосири мамлакат тақозо дорад, ки ҳар як донишҷӯ бояд соҳиби донишҳои сиёсӣ ва фарҳанги рафтори сиёсӣ бошад, зеро ҳар як донишҷӯ, ҳамчун шаҳрванд, бо шахсони дигар, ҳизбҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бо давлат робитаи зич дорад. Дар шароити муосири иҷтимоию сиёсии ҷаҳонӣ, ки дар байни ҷавонон баъзе аломатҳои зуҳуроти миллатгароӣ, экстремизм ба назар мерасад, рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён ба як масъалаи ниҳоят мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи рисолаи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар аввалиндараҷа будани ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба шумор меравад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои касбии омӯзгоронро оиди ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мегузорад. Чунки ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рӯз аз рӯз ба марҳилаҳои нави бисёрҷабҳаи сиёсию иҷтимоӣ дучор омада истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти илмии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон як қисмати муҳими нақшаи илмӣ - тадқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" буда, дар Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

Кори диссертатсионии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳия гардидааст. Омили муҳиме, ки мубрамии муаммои баррасишавандаро таъйин мекунад, зарурати таҳлили илмии тамоюлҳои таҳсилоти муосир аст, ки бо таҳқиқи роҳу усулҳои навини ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ алоқаманданд. Таҳлили муфассали дарки равандҳои имрӯза дар ин самт зарурати дидгоҳи ретроспективиро ба миён меорад. Гузариши низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба марҳалаи нави такмили раванди таҳсилот ҷустуҷӯи амсилаҳои нави фаъолияти педагогиро тақозо мекунад, ки сатҳи сифатан нави тарбия ва ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро таъмин карда тавонанд.

Дар диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; амсилаи педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ақида ва ғояҳои файласуфон, равоншиносон ва педагогон, санадҳои муҳими давлатӣ “Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои расмӣ, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ асоснок карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот асос ёфтаанд. Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажӯҳишгар муайян намудани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшуда, натиҷаҳою тавсияҳои таҳқиқотро ба таври илмӣ асоснок кунад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии таҳқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон таҳқиқоти ҳамаҷонибаро дар

самти ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаро гирифтааст. Навгонии илмӣ дар он ифода меёбад, ки масъалаи мазкур нахустин бор дар илми педагогикаи тоҷик дар робита бо инкишофи сиёсию иҷтимоии мамлакат бо диди муосир ва аз нуқтаи назари илмию амалии педагогика таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, таҳқиқоти унвонҷӯ дорои навгониҳои назариявӣ ва амалии амиқ буда, натиҷаҳои бадастомада саҳеҳ, эътимоднок ва барои амалияи педагогӣ пурра асоснок мебошанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Асосҳои назариявӣ ва аҳамияти илмии кори таҳқиқотии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷонро метавон бо он асоснок кард, ки муҳтаво ва моҳияти мафҳумҳои «фарҳанг», «фарҳанги сиёсӣ», «фарҳанги сиёсии донишҷӯён» дар заминаи тамоюлҳои муосири муайяншудаи рушди фарҳанги ҷаҳонӣ мушаххас гаштаанд; -дастгоҳи меъёрии педагогӣ бо роҳи аниқ кардани мафҳуми «фарҳанги сиёсии донишҷӯён» дар шароити муосир васеъ гардонида шудааст;- асосҳои илмӣ-назариявии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён – принсипҳо (муттаҳидии блокҳои равандӣ ва моҳиятӣ, ягонагии шуур ва фаъолият) ва равишҳо (байни фанҳо, фарҳанг, фаъолият ва ғайра) ошкор карда шудаанд; - бо таснифоти навъҳои фарҳанги таҳиякардаи муаллиф ва асосноккунии амсилаи ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар заминаи фаъолияти таълимӣ аз ҷиҳати назариявӣ муаммои мазкур ғанӣ гардидааст; - шароити педагогии рушди фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ асоснок карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки нуктаҳои асосии коркардшуда ва аз ҷиҳати илмӣ санҷидашудаи муаллиф дар самти ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён дар шароити муосири низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун замина хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳои амалии ҳосилшуда ҳангоми коркарди курси назариявӣ ва амалии педагогика, фанҳои силсилаи гуманитарӣ-ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус аз рӯйи равияҳои фанҳои мазкур ба таври васеъ метавонанд истифода гарданд.

Таҳқиқоти мазкур аз аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ холӣ нест.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқоти мазкур дар он ифода ёфтааст, ки омодагии касбии омӯзгорони оянда на танҳо вазифаи низоми маориф, балки стратегияи давлатӣ низ маҳсуб меёбад. Ташаккули фарҳанги

сиёсии донишҷӯён сармоягузорӣ ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ низ мебошад. Ҷавононе, ки дорои сифатҳои баланди фарҳанги сиёсӣ, масъулиятшиносӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошанд, дар мустаҳкам сохтани сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ саҳмгузор мегарданд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст, имконият медиҳад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон бо такя ба далелҳои илмӣ, таҳлили амиқи назариявӣ ва санҷишҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ асоснок шудаанд. Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи муосири илмӣ – таҳлили манбаъҳои назариявӣ, мушоҳида, пурсиш, озмоиши педагогӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумот истифода гардидаанд. Бо ҷалби теъдоди мутобиқи донишҷӯён ва омӯзгорон аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Панҷакент корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуда, самаранокии методикаи пешниҳодгардида дар муҳити воқеии таълим исбот шудааст. Натиҷаҳо бо ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва таҳлилҳои оморӣ муаррифӣ гардида, нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияи педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён ба баландшавии сатҳи фаҳмиши сиёсӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, масъулиятшиносӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат намудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.

Довталаб Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, аз интихоби мавзуъ то татбиқи амалии натиҷаҳо мустақилона иштирок намудааст. Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, пойгоҳи озмоишӣ ва усулҳои таҳқиқот дуруст ва илмӣ муайян карда шудааст. Методикаи истифодаи технологияи педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯён аз ҷониби довталаб таҳия ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ санҷида шудааст. Ҳамаи марҳилаҳои таҷрибавӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, таҳияи ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва хулосаҳо бо иштироки мустақими довталаб

анҷом ёфтаанд. Довталаб инчунин натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳо муаррифӣ намудааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ ба чоп расидааст.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фаслҳо, хулосаҳои бобҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқот иборат аст. Матни диссертатсия 154 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Дар диссертатсия 15 ҷадвал ва 9 расму диаграмма ҷой дода шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани масъала, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, марҳалаҳо ва пойгоҳи озмоишӣ муайян шудаанд. Навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои илмӣ исбот гардидаанд. Дар баробари ин, нуктаҳои пешниҳодшаванда ба ҳимоя ва тавсияҳои илмӣ-методӣ низ дақиқ баён шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки **“Ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда ҳамчун муаммои муҳими педагогӣ”** номгузорӣ карда шудааст, моҳияти мафҳумҳои «фарҳанг», «фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда» дар тадқиқоти фалсафӣ ва равоншиносӣ-педагогӣ, вазифаҳои фарҳанг, фарҳанги бунёдии шахс, муаммоҳои тарбияи фарҳанги касбии муаллимони оянда, фарҳанги башардӯстона, фарҳанги сиёсӣ, марҳилаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ, Консепсияҳои педагогӣ доир ба шароити ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар асоси таҳлилу таҳқиқи адабиёти педагогию фалсафӣ ва дигар осорҳои илмию методии олимони ватаниву хориҷӣ, баррасии масоилҳои вобаста ба муаммои таҳқиқшаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, масъалаҳои вобаста ба ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда ҳамчун муаммои муҳими педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия **“Заминаҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ”** ном гирифта, дар он масъалаҳои ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ, имкониятҳои дидактикии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда мавриди таҳқиқ қарор

гирифта шудааст. Дар боби мазкур таъкид шудааст, ки равандҳои ҷараёндоштаи ҷаҳонишавии фазои фарҳангӣ ва таълимӣ, ки равандҳои интегративӣ як ҷузъи онҳо мебошанд, барои рушди таълими башардӯстона дар кишвари мо имконоти бузург доранд. Дурнамои таҷдиди он зарурати омода кардани мутахассисеро, ки қодир ба тарҳрезии фаъолияти худ дар вазъиятҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорад, омода аст, ки новобаста аз шароити мушаххас роҳҳои ҳалли мушкилоти ба миёномадаро пайдо кунад ва стратегияи махсуси тафаккур, рафтор ва фаъолиятро таҳия намояд.

Дар боби сеюми диссертатсия "**Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда дар фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ**" унвон гирифта, ду зербобро дар бар гирифтааст, ки масъалаҳои тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассисони оянда ва самаранокии педагогии ташаккули фарҳанги сиёсии мутахассиси оянда баррасӣ ёфтааст. Дар боби мазкур омадааст, ки дараҷаи салоҳияти шаҳрвандӣ аз ҷониби донишҷӯён дар натиҷаи ҳамкории фаъоли коммуникатсионӣ ба даст меояд, ки дар рафти он низоми муайяни баҳогузорӣ таҳия гардида, худмуайянкунии шахсият дар низоми мураккаби муносибатҳо бо давлат ва ҳокимият ба амал меояд. Сатҳи салоҳияти муошират иҷтимоии донишҷӯён, тибқи мушоҳидаҳои муаллиф, вақте ки онҳо ҳангоми ҳалли якҷояи масъалаҳои таълимӣ, иштирок дар муҳокимаҳои гурӯҳӣ, аз як тараф, таҳаммулпазирӣ ва омодагӣ ба қабули воқеият ва нуқтаи дигар, аз ҷониби дигар, муносибати онҳо ба иштирок дар фаъолияти сиёсӣ мавқеъи фаъоли интихоботӣ доштанд ба даст оварда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо воситаи методологияи муқаррароти назария, такя ба истифодаи маҷмуи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд, анҷом ёфтаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сохтори илмӣ, пайдарҳамии бандҳои диссертатсия ва мавзуъҳои таҳқиқшуда дуруст ҷобаҷогузорӣ карда шуда, тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудаанд.

Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон нишон медиҳад, ки мавзуи диссертатсия ба муҳтавои он комилан мувофиқ аст. Мазмуну муҳтавои автореферат ба фишурдаҳои он, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо

мундариҷаи диссертатсия дошта, моҳияти корро пурра инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон кори ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, дорои арзиши зарурии илмӣ аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар конференсияҳои илмӣ-амалии вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба муаммои таҳқиқшаванда, дар семинарҳои илмӣ ва ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф баррасӣ ва ироа гардидаанд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтааст ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 8 ададаанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

Кори диссертатсионии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ - назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Мақсудӣ Хусрав Зафарҷон дар мавзуи “Ташаккули фарҳанги сиёсии донишҷӯёни коллеҷ ҳамчун сифати арзишманди мутахассиси оянда” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Икромзода Ш.И. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва қабул шудааст.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (суратҷаласаи №9 аз 28 - уми апрели соли 2026).

Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров", номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Вализода Ш.

Ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Икромзода Ш.И.

Котиби ҷаласа Валиева Б.И.

Маълумот барои тамос: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1.тел.(+992)927782640. вебсайт: www.hgu.tj
почтаи электронӣ: shoirakhon.valizoda@mail.ru

Имзои Ш.Вализода, Ш.И.Икромзода ва Б.И.Валиеваро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» *Сайдуллозода З.С.*

04.05.26.